# ТАҚРИЗ

**ба автореферати диссертатсияи Исмоилова Фарзона Қаюмовна дар мавзӯи “Матбуот дар ҷангҳои иттилоотӣ (дар мисоли ҳаводиси Миср, солҳои 2011-2013)” барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯи ихтисоси 10.01.10 – Журналистика**

Даҳсолаи охири садаи бистум зуҳури ҳодисаю воқеоти мухталиф дар ҳаёти халқу миллатҳои гуногун рӯйдодҳои бузургеро ба вуҷуд овард. Ин таҳаввулот зуҳури хешро, пеш аз ҳама, дар матбуот ба таври равшан рӯнамо намуд, зеро гусаста гардидани марзҳои маснӯии афкору андеша, аз байн рафтани маҳдудиятҳои фикрӣ, рушди озодандешӣ, ба вуҷуд омадани рӯзномаҳои мустақил, шабакаҳои радио ва телевизион, ҳафтаномаву оҷонсиҳои иттилоотии ғайридавлатӣ ва монанди инҳо дар баробари мусоидат кардан дар иртифои ҷаҳонбинӣ, худшиносӣ, худогоҳии мардум, инчунин дар мавқеи устувор пайдо кардану ташаккули воситаҳои ахбори омма ва дар маҷмӯъ, тақвият пазируфтани журналистика нақши равшан гузошт.

Аз ин нуқтаи назар, журналистика ҳамчун илми мустақил дар фазои маънавии ҷомеаи ҷаҳонӣ рушд ва ҷойгоҳи хосаро касб намуда, таҳқиқи паҳлӯҳои гуногуни ВАО дар меҳвари чандин корҳои илмии пажӯҳишӣ қарор гирифт.

Диссертатсияи номзадии муҳаққиқи ҷавон Исмоилова Фарзона Қаюмовна дар мавзӯи “Матбуот дар ҷангҳои иттилоотӣ (дар мисоли ҳаводиси Миср, солҳои 2011-2013)”, ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯи ихтисоси 10.01.10 – Журналистика пешниҳод гардидааст, аз ҳамин қабил падидаҳои мусбати замони истиқлолият аст, ки яке аз масъалаҳои бисёр муҳими журналистикаро мавриди таҳқиқ қарор дода, ба комёбиҳои назарраси илмӣ шарафёб шудааст.

Аз автореферати Исмоилова Фарзона Қаюмовна маълум аст, ки диссертатсияи аз назари сохторӣ аз муқаддима, се боб, шаш фасл ва

феҳристи адабиёт иборат буда, дар муқаддима муҳиммияти мавзӯъ, пешинаи тадқиқот, мақсад ва вазифаҳои пажӯҳиш, арзишҳои амалӣ ва назарии он мушаххас баён гардидаанд.

Дар боби аввали диссертатсия «Омилҳои ба вуҷуд омадани нооромиҳо ва баррасии он дар матбуоти Миср» ном дошта, аз ду фасл фароҳам омадааст, ки дар он масъалаҳои нақши матбуот дар ҷангҳои иттилоотӣ дар мисоли нооромиҳои Миср, таъсири маводи матбуот ба тафаккури аҳолии ин кишвар дар ин давра ва инъикоси нооромиҳо дар матбуоти ин кишвар таҳқиқ шудааст.

Дар боби дуюми диссертатсия - «Инъикоси ҳаводиси Миср аз нигоҳи ВАО-и хориҷӣ» масъалаи то чӣ андоза воқеӣ ва объективона инъикос шудани ҳаводиси Миср дар ВАО-и Тоҷикистон, инчунин, умумият ва фарқи бозтоби ҳодисаҳои Миср дар сомонаҳои матбуоти Россия ва ИМА ҳамаҷониба таҳлилу тадқиқ ва ба доираи баҳс кашида шудааст. Хулосаҳо дар поёни бобҳо ба таври муназзам аз натиҷагириҳои ҳушмандонаи муаллифи диссертатсия гувоҳӣ медиҳанд.

Диссертант ба масъалаи мазкур аз дидгоҳи нав нигариста, бо фаро гирифтани асноду далелҳои дақиқ, таҳлилҳои муқоисавӣ ва хулосабарориҳо бар он муваффақ гардидааст, ки як диссертатсияи арзишмандеро, ки метавонад ҳамчун маводи омӯзишӣ барои донишҷӯёни соҳавӣ, инчунин ҳамчун дастури раҳнамо ба кулли журналистон хизмат намояд, ба вуҷуд овардааст.

Дар баробари дастовардҳои шоистаи илмӣ дар автореферат баъзе камбудиҳо ҷой доранд, аз ҷумла:

1. Дар услуби баъзе ҷумлаҳо такрор омадани калимаҳо ҳусни баёнро коҳиш додаанд. Масалан, дар як сарсатр се маротиба омадани пайвандаки “аммо” (саҳ.7, сарсатри охирони бахши “Дараҷаи омӯзиши мавзӯъ”).
2. Бо вуҷуди забони рисола фаҳмо будан, баъзан хатоҳои имлоӣ, техникӣ ва услубӣ ба назар мерасанд (саҳ. 4, 5,10, 12, 13, 19).

Бо вуҷуди ин, камбудии зикршуда аҳаммияти илмии тадқиқотро кам намекунад ва диссертатсияи Исмоилова Фарзона Қаюмовна дар мавзӯи “Матбуот дар ҷангҳои иттилоотӣ (дар мисоли ҳаводиси Миср, солҳои 2011-2013)” тадқиқоти анҷомёфта буда, ба талаботи КОА ҶТ ҷавобгӯ ва муаллифи он сазовори дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯи ихтисоси 10.01.10 – Журналистика мебошад.

Номзади илмҳои филологӣ,
сармуаллимаи кафедраи журналистика
ва назарияи тарҷумаи МДТ
“Донишгоҳи давлатии Хуҷанд
ба номи академик Бобоҷон Ғафуров”
(+992) 92 952-30-09
E-mail:mbobojonova1987@mail.ru

Бобоҷонова Мутриба Султоновна

Имзои Бобоҷонова Мутриба Султоновнаро тасдиқ менамоям:
Сардори Раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси МДТ “ДДХ ба номи академик Б. Ғафуров”

Ашрапова Зарринa Негматҷоновна

Суроға:
735700, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
вилояти Суғд, шаҳри Хуҷанд,
гузаргоҳи Мавлонбеков 1,
e-mail: hgu @mail.ru.tj
www.hgu.tj
тел: (+992) 8342264715